«Тасдиқ мекунам»
директори Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии
Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон
_________ Шарифзода Ф.Х.
«_02_» _октябри_ соли 2024

**Хулосаи**
**шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ дар мавзуи «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) дар шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ба анҷом расидааст.

Анварзода Мавҷуда Анварӣ соли 2003 факултети шарқшиносии (гурӯҳи форсӣ) Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси шарқшиносӣ (филологияи Эрон) ва соли 2021 аспирантураи ғоибонаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон)-ро хатм кардааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ Раҳматуллозода Сахидод мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ дар суратҷаласаи шурои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ аз 06.12.2017, №8 тасдиқ гардидааст.

**Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ:**
Таърих ва фалсафаи илм (аз 05.06.2018, Протоколи №19) баҳои “аъло”, забони русӣ (аз 13.06.2018, Протоколи №30001/23-226) баҳои “аъло”, забони англисӣ (аз 30.11.2018, Протоколи №30001/23-401) баҳои “хуб” ва имтиҳон аз рӯйи

ихтисоси 10.02.01 Забони тоҷикӣ аз тарафи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (аз 25.09.2024, Протоколи №316/24) баҳои "хуб", шаҳодатнома аз 25.10.2024, №1239 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** матни «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ (Душанбе, 2009. –680) мебошад. Ҳамчунин, аз нашри интиқодии Куллиёт (Ҷилди 10. «Ёддоштҳо», қисми 1 ва 2. Душанбе: «Дониш», 2021. -433с.) ва Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик, С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷ. 12. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 560с. истифода шудааст. Ҳамзамон осори устод Садриддин Айнӣ, мақолаҳо ва маҷмуаҳои илмие, ки дар солҳои гуногун доир ба масоили гуногуни забоншиносӣ ба нашр расидаанд, дар кор истифода шудааст. Ҳамчунин, таҳқиқоти забоншиносон, ки ба маҳорати забондонии устод С. Айнӣ, тарзи баёну услуби адиб, хусусиятҳои вожагонии асарҳои алоҳидаи адиб, таҳқиқи фразеологизмҳо, вижагиҳои сарфию наҳвии осори нависанда ва маҳорати луғатнигории ӯ тахсис ёфтааст, мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

**Навовариҳои илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар диссертатсия маводи марбут ба ҳунармандии «Ёддоштҳо» мутобиқи мавзуъҳои муносиб табақабандӣ шуда, хусусиятҳои вожагонию маъноӣ ва калимасозии қабати мазкур мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда:**

1. Осори назмию насрии устод Айнӣ аз ҳар ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ аст. Махсусан, агар ба таркиби луғавии он назар кунем, хоҳем дид, ки дар он даҳҳо қабати луғавии марбут ба соҳаҳои ҳаёт ниҳуфтааст, ки аз забони осори адабиёти классикӣ ва забони зиндаи халқ маншаъ мегиранд.

2. Таҳқиқи қабатҳои луғавии марбут ба соҳаҳо аз рӯйи осори устод С. Айнӣ ва, махсусан, дар асоси маводи марбут ба ҳунармандӣ қобили таваҷҷуҳ буда, барои пажуҳиши имконоти вожагонии забони тоҷикӣ мусоидат мекунад.

3. Дар байни қабатҳои луғавии мутааллиқ ба соҳаҳо вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ ҷойгоҳи муҳим доранд, зеро косибию пешаварӣ ҳамсафари доимии миллати тоҷик ба шумор рафта, дар тули таърих даҳҳо касбест, ки маҳсули дасти косибони тоҷик буда, дар пешрафти ҳаёти иқтисодию фарҳангии одамон мусоидат кардааст ва аз ин ҷиҳат таҳқиқи илмии онҳо аҳаммияти вежаи илмӣ дорад.

4. Таснифу гурӯҳбандӣ ва баррасии илмии вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо» барои нишон додани роҳи таърихии ташаккулу таҳаввули косибӣ ва муайян сохтани мақоми ин вожаҳо дар байни дигар калимаҳои соҳавӣ, омилҳои ба вуҷуд омадани ин гуна истилоҳот ва инъикоси онҳо дар осори лексикографию этнографӣ ва этнолингвистӣ ҳоизи аҳаммият мебошад.

5. Баррасии хусусиятҳои вожагонии вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ ва дар ин замина нишон додани хусусиятҳои маъноӣ, муродифию мутазодӣ ва ҳамгунии онҳо бо дигар воҳидҳои луғавӣ, аз ҷумла масъалаҳои муҳимми илмӣ ба шумор меравад, ки дар кори диссертатсионӣ пайгирӣ шудаанд.

1. Таснифу табақабандии вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ аз рӯйи сохтор ва муайян кардани қолибҳои калимасозии онҳо, ки дар диссертатсия пайгирӣ шудааст, ҷойгоҳи ин қабати луғавиро дар ташаккули таркиби луғавӣ нишон медиҳад. Дар баробари таҳқиқи хусусиятҳои калимасозии вандҳои калимасоз ва қолибҳои калимаҳои мураккаб ба масъалаи калимаҳои содаи ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ тамаркуз шуда, нақши онҳо дар ташаккули калимаю истилоҳоти ҳунармандӣ муайян карда шуданд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Таҳқиқот дар доираи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон гардидани солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", ки яке аз самтҳояш омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва эҳё намудани анъанаҳои миллии аҷдодиаст, сурат гирифта, **ба самтҳои афзалиятноки илм** робитаи бевосита дорад. Мавод ва масоили назариявии кор дар навиштани корҳои марбут ба вожагон, грамматикаи забони тоҷикӣ, таҳияи дастурҳою воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбии кишвар метавонад мусоидат кунад. Маводи таҳқиқии дар диссертатсия

истифодашударо барои дарсҳои амалӣ аз фанҳои забони тоҷикӣ, вожашиносӣ, луғатнигорӣ ва грамматика истифода бурдан мумкин аст.

Илова бар ин, дастовардҳои диссертатсияро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо мавриди дарсҳои амалии вожашиносӣ, луғатнигорӣ, шевашиносӣ, номшиносӣ ва баррасии масъалаҳои этнолингвистӣ ҳамчун воситаи ёрирасони таълим истифода намуд. Диссертатсия дар навиштани асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва фарҳангномаҳо маводи фаровон дода метавонад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои диссертатсия ба сурати мақолаҳо нашр ва ба Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ дастрас гардидааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо, конференсияҳои илмию амалии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ва дар дигар конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи муштараки шуъбаҳои забони тоҷикӣ ва фарҳангнигорию истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ (суратҷаласаи №4 аз 15-уми октябри соли 2024) мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ.** Ба осори назариявии донишмандони забоншиноси ватанию хориҷӣ, аз ҷумла М. С. Андреев, А. А. Семёнов, Н. А. Кисляков, Е. М. Пешерева, В. В. Виноградов, М. Д. Степанова, К. С. Кубрякова, В. В. Лопатин, А. Левковская, В. С. Расторгуева, И. М. Оранский, А. Л. Хромов, Л. С. Пейсиков, Н. Н. Ершов, З. А. Широкова, А. Давидов, А. К. Писарчик, Р. Л. Неменова, С. Айнӣ, К. Айнӣ, Н. Маъсумӣ, С. Ҳалимов, М. Қосимова, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, Д. Хоҷаев, Б. Камолиддинов, Ш. Кабиров, Т. Ваҳҳобов, М. Муҳаммадиев, Ғ. Ҷӯраев, Д. Саймиддинов, Ф. Шарифова, А. А. Ҳасанзода, Т. Шокиров, О. Қосимов, Д. Ҳомидов, М.

Мирзоева, Ф. Амонова, Н. Гадоев, З, С. Назарзода, М. Саломов, Ҳ. Султон, С. Раҳматуллозода, М. О. Олимҷонов, С. Низомова, С. Қурбонов, Р.Шодиев, А. Мирбобоев, С. Мирзоев ва диг., ки ба масъалаҳои вожагонӣ, калимасозӣ, луғатнигорӣ ва шевашиносӣ таҳқиқоти боарзиш анҷом додаанд, таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Хусусан, доир ба масоили калимасозӣ дар забоншиносии тоҷик ба назарияҳои муҳаққиқон М. Муҳаммадиев, С. Ҳалимов, Ш. Ниёзӣ, М. Н. Қосимова, Ш. Рустамов, Д. Хоҷаев, Э. Шоев, Ғ. Ҷӯраев, Д. Саймиддинов, Ф. Р. Амонова, М. Саломов, Ф. Шарифова, Ш. Кабиров, А. Ҳасанзода, Т. Ваҳҳобов, С. Назарзода, Т. Шокиров, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода, С. Низомова, М. Олимҷонов, А. Байзоев, Г. Мирзоев таваҷҷуҳ карда шудааст.

Инчунин, дар ин самт корҳои илмӣ-тадқиқотие, ки дар хориҷи кишвар оид ба калимасозӣ аз ҷониби В. В. Виноградов, М. Д. Степанова, В. С. Расторгуева, К. А. Левковская, К. С. Кубрякова, Л. С. Пейсиков, Н. М. Оранский ба анҷом расидаанд, аз мадди назар дур намондааст.

Илова ба ин, ҳамчун асоси назариявӣ ва амалӣ асарҳои таҳқиқотие, ки аз солҳои 50-уми асри гузашта оид ба масоили мухталифи марбут ба забони осори устод С.Айнӣ дар маҷаллаҳои гуногуни илмиву оммавӣ мақолаҳои зиёди арзишманде бо қалами донишмандоне чун Н. Маъсумӣ, К. Айнӣ, М. Шукуров, Х. Отахонова, Р.Абдуллозода, М. Муҳаммадиев, С. Ҳалимов, Ҳ. Рауфов, Д. Карамшоев, Т. Ваҳҳобов, Т. Шокиров, А. Ҳасанов, Н. Шарофов, Р. Ғаффоров, Ғ. Ҷӯраев, О. Қосимов, С. Р. Раҳматуллозода, Назарзода С, С. Аминов, С. Атобуллоев, Ҳ. Турсунова, А. Воҳидов, Р. Маъруфов, С. Мирзоев, Т. Чориев, А. Шарофиддинова, Ё. Саидов, М. Шарифова, М. Ӯрунова, М. Бобоева, С. Узбеков, Н. Сатторов, М. М. Зоитова ва диг. ба нашр расидаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки мавод ва масоили назариявии кор дар навиштани корҳои марбут ба вожагон, грамматикаи забони тоҷикӣ, таҳияи дастурҳою воситаҳои таълимӣ барои макотиби олӣ ва миёнаи касбии кишвар ҳамчун воситаи ёрирасони таълим метавонад мусоидат кунад. Маводи таҳқиқии дар диссертатсия истифодашуда, барои луғатнигорӣ,

аз ҷумла лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ, вожашиносӣ ва грамматика мусоидат карда, хазинаи вожагони соҳавиро ғанӣ мегардонад.

Дастовардҳои диссертатсияро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо мавриди дарсҳои амалии вожашиносӣ, луғатнигорӣ ва шевашиносӣ истифода намуд. Ҳамчунин, диссертатсия дар навиштани асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва фарҳангномаҳо маводи фаровон дода метавонад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» таълиф шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) **мутобиқат** мекунад.

**Мубрамии хоси кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки** диссертатсия ба таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар асоси матни «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» тахсис ёфтааст. Аз ин рӯ, масъалаҳои дар диссертатсия таҳқиқшуда мубрам ва актуалӣ буда, ба ихтисоси илмии 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо» ба таври илмӣ таснифу табақабандӣ шуда, дар асоси назарияи мавҷудаи вожагонию калимасозӣ баррасӣ шудааст, ки ин ҳолат дар асоси асари мазкур бори аввал сурат мегирад.

**Ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур** таҳқиқи хусусиятҳои вожагонию маъноӣ ва сохтории вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ ба шумор меравад. Зимни таҳқиқ ба масоили мансубияти вожаю истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ таваҷҷуҳ шуда, онҳо дар заминаи таносубашон ба пешаҳои дузандагию ресандагӣ, вожаю истилоҳоти ҳунармандии марбут ба пушоки занону мардон ва номи порчаю матоъ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳқиқи хусусиятҳои сохторӣ ва муайян кардани қолибҳои калимасозии соҳаи ҳунармандӣ ҳадафи асосии таҳқиқи ҳозир аст, ки дар рисола пайгирӣ шудааст. Ҷиҳати баррасии ҳадафҳои

муҳимтарини таҳқиқот ҳалли масъалаҳои зерин ҳамчун **вазифаҳои асосии диссертастсия** пазируфта шудааст:

1. Омӯзиши масоили назариявӣ ва андешаҳои донишмандони соҳа дар робита ба яке аз арзишҳои фарҳангии миллати тоҷик, ки бо калимаи ҳунармандӣ ёд мешавад.
2. Гирдоварӣ, танзиму табақабандии вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ аз «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ.
3. Таснифи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ тибқи мазмуну моҳият. Баррасии маъноии калимаю истилоҳоти марбут ба ҳунармандӣ ва дар ин замина муайян сохтани таносуби гендерии онҳо. Зимнан таҳқиқии калимаҳои муродифию мутазод ва ҳамгуни ҳунармандӣ.
4. Муайян сохтани мақом ва ҷойгоҳи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар байни дигар қабатҳои луғавӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ ва нишон додани омори истифодаи онҳо.
5. Таҳлили сохтории вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ:

а) нишон додани мавқеи калимаҳои сода дар ташаккули вожаю истилоҳоти ҳунармандии мансуб ба асбоби рӯзгори мардум, либосу матоъ, номи касбҳо, порчаю палос, ченаку андоза, таҷҳизоти ҳайвонот дар «Ёддоштҳо»;

б) таҳқиқи калимаҳои сохтаи марбут ба ҳунармандӣ ва муайян сохтани ҷойгоҳи вандҳои калимасоз дар сохтани истилоҳоти ҳунармандӣ;

в) баррасии қолибҳои калимаҳои мураккаби пайвасту тобеи марбут ба ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо».

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ дар 10 мақола баён гаштааст, ки аз ҷумла, 7 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷаллаю маҷмуаҳои дигари илмӣ нашр шудаанд ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълифу таҳияи автореферат ва диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ мувофиқ мебошанд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Анварзода М. А. Корбасти истилоҳоти соҳавӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ [Матн] / М. А. Анварзода // Паёми Донишгоҳии миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ (забоншиносӣ). –Душанбе, 2020. - № 8. –58-62с.
2. Анварзода М. А. Таҳлили сохторӣ ва маънои вожаҳои кишоварзӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ) [Матн] / М. А. Анварзода / Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. – №1 (84). - 79-85с.
3. Анварзода М. А. Нақши калимасозии пасванди -чӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / М. А. Анварзода // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. - № 3. - 68-79с.
4. Анварзода М. А. Маънои маҷозии калимаву ибораҳои соҳаи ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн] / М. А. Анварзода // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. - № 4. - 61-70с.
5. Анварзода М.А. Баррасии истилоҳоти марбут ба либос дар «Ёддоштҳо»-и Айнӣ [Матн] М. А. Анварзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. – №2 (109). - 48-53с.
6. Анварзода М. А. Калимаҳои мураккаби марбут ба ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] М. А. Анварзода // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. –Душанбе, 2024. - № 3 (47). С. 98-110.
7. Ратуллозода С. Р., Анварзода М. А. Баррасии як қабати вожагонӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн] / С. Р. Раҳматуллозода, М. А. Анварзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ (забоншиносӣ). –Душанбе, 2024. - № 5. 20-28с.

**II. Таълифоти муаллиф, дар маҷмуаҳо ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

8. Анварзода М. А. Калимаҳои ифодакунандаи касбу кори ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / М. А. Анварзода // Маҷмуаи мақолаҳои маводи Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 27-умин солгарди ҷашни ваҳдати миллӣ ва 75-солагии доктори илми филология, профессор, узви вобастаи АМИТ Саймиддинов Додихудо таҳти унвони «Забони миллӣ ва ваҳдати миллӣ». – Душанбе, 25-уми июни 2024. С. 317-327.
9. Анварзода М. А. Баррасии истилоҳоти марбут ба либос дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / М. А. Анварзода // Маҷмуаи мақолаҳои маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» бахшида ба Ҳафтаи илм ва ба муносибати эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ», 26-уми апрели соли 2024. С. 28-37.
10. Анварзода М. А. Нақши калимаҳои сохта дар ташаккули вожаҳо ва истилоҳоти ҳунармандӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Айнӣ) [Матн] / М. А. Анварзода // Забон ва Истиқлол. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе, Аршам, 2024. -417. С.348-356.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳрасти адабиёти истифодашуда, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва замимаи Луғати вожаю истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ иборат буда, 200 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

**Тавсия ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки шуъбаи забони тоҷикӣ ва шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ (суратҷаласаи №4 аз 15.10.2024) мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Хулоса, шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анвариро кори илмии баанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, хусусан самти забоншиносӣ иртиботи қавӣ дошта, ба талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯаст.

Дар ҷараёни маҷлис аз тарафи профессорон Назарзода Сайфиддин, Раҳматуллозода Сахидод ва номзади имлҳои филологӣ Тӯраев Баҳриддин, Мирзоев Сайфиддин, Шарифова Гулчаҳон саволҳо пешниҳод гардид. Унвонҷӯ Анварзода Мавҷуда Анварӣ ба саволҳои онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Дар баррасӣ олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ С. Мирзоев, н.и.ф. (мудири шуъба), Ф. Шарифзода, д.и.ф., С. Назарзода, д.и.ф., узви вобастаи АМИТ, С. Раҳматуллозода, д.и.ф., узви вобастаи АМИТ, Ӯ. Муҳаммадҷонзода, д.и.ф., С. Абдуллоева, д.и.ф., Д. Хоҷаев, д.и.ф., А. Мирбобоев, н.и.ф., С. Собирҷонов, н.и.ф., Б. Тураев, н.и.ф., Г. Шарифова, н.и.ф., С. Қодирова, н.и.ф., Б. Бобохонов, х.к.и., С. Каримов, х.к.и. иштирок доштанд.

Ҷаласаи муштараки шуъбаҳои забони тоҷикӣ ва фарҳангнигорию истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо дарназардошти фикру андешаи маърузачиён ва иштирокдорони ҷаласа

**ҚАРОР КАРД:**

1. Пешниҳоди профессорон ва дотсентони шуъба доир ба ислоҳи камбудиҳои дар рисола ҷойдошта ба инобат гирифта шавад ва он саривақт ислоҳ гардида, ба рисола ворид карда шавад.

2. Рисолаи унвонҷӯ Анварзода Мавҷуда Анварӣ дар мавзуи «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) кори илмии ба анҷомрасида ҳисобида шуда, барои баррасӣ ба сексияи шурои диссертатсионӣ пешниҳод гардад.

3. Аз шурои диссертатсионии 067 – КОА- назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ пурсида шавад, ки қарори

мазкурро ба эътибор гирад, ки диссертатсияи унвонҷӯ **Анварзода М. А.** «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» кори илмии анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) мутобиқат дорад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки шуъбаҳои забони тоҷикӣ ва фарҳангнигорию истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки устодони шуъбаи мазкур қабул шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 14 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14, «зид» – 0, «бетараф» – 0.

Суратҷаласаи №4, аз 15-уми октябри соли 2024.

**Мудири шуъбаи забони тоҷикии**
**Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ,**
**номзади илми филология:** **Мирзоев С.**

**Маълумот барои тамос:**
**Нишонӣ: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 21 .**
**Тел.: +992 (37) 2213202**
**Тел.: +992 (37) 2217030**
**E-mail: iza.rudaki@gmail.ru**

**Котиби ҷаласа:** **Шарифова Г.**

**«Имзоҳои С. Мирзоев ва Г. Шарифоваро тасдиқ мекунам».**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ** **Нарзиқулова Ҳ.**

**Маълумот барои тамос:**
**Нишонӣ: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 21 .**
**Тел.: +992 (37) 2213202**
**Тел.: +992 (37) 2217030**
**E-mail: iza.rudaki@gmail.ru**